Корхонаи воҳидии давлатии коммуналии «Хуҷандобуканал»

# Ф А Р М О Н И № 224

аз 30.09.2015 сол ш. Хуҷанд

Бо мақсади таъмини ҳуқуқии манфиатҳои муштариён ва иштироки онҳо дар ҷараёни фаъолияти КВДК «Хуҷандобуканал», таъминоти саривақтии оби нӯшокӣ ва хизматрасонии рафъи партовоб ва мустаҳкам намудани боварии аҳолӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор ба ташкилоти обтаъминкунанда, инчунин баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ бобати оқилона, самаранок, сарфакорона истифодабарии оби нӯшокӣ ва пешгири аз талафоти он

## ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. Дар назди КВДК «Хуҷандобуканал» Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ таъсис дода шавад.

2. Низомномаи Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ тасдиқ карда шавад (Замима №1).

3. Ҳайати аъзоёни Шӯрои машваратии тибқи рӯйхати ба қарор замимашуда, тасдиқ карда шавад (Замима №2).

4. Назорати иҷрои фармони мазкур ба зиммаи сардори шӯъбаи кадрҳо ва таҳлил Расулов Ш. вогузор карда шавад

Директори генералӣ Бобоҷонов Ё.И.

Ҳуқуқшинос:

Замимаи № 1
Ба фармони директори генералии
КВДК «Хуҷандобуканал»
№ 224 аз санаи 30.09.2015сол
тасдиқ шудааст.

# Н И З О М Н О М А И

Шӯрои машварати ҷамъиятӣ назди КВДК «Хуҷандобуканал» оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ва иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори КВДК «Хуҷандобуканал» оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Шӯрои машваритии ҷамъиятӣ оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ва иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти обтаъминкунандаи шаҳри Хуҷанд оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ (минбаъд Шӯро) бо фармони директори генералии КВДК «Хуҷандобуканал» таҳти № 224 аз санаи «30» 09 2015сол таъсис дода шудааст.

1.2 Шӯро мақомоти машваратӣ ва ҷамъиятӣ буда, фаъолияти худро дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.3 Ҳайати Шӯро аз ҳисоби намояндагони маҳаллӣ (шаҳрак, ҷамоатҳо, маҳаллаҳо), дар асоси қарори роҳбари КВДК «Хуҷандобуканал» таъсис дода шуда, Шӯро ҳуқуқ дорад, дар ҳолатҳои зарури намояндагони дигар мақомоту сохторҳои давлативу ғайридавлатиро ба кори худ ҷалб намояд.

1.4 Шумораи аъзоёни Шӯрои ҷамъияти бояд тоқ бошад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳо

2.1 Мақсади асосии фаъолияти Шӯро ин ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ва иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори КВДК «Хуҷандобуканал» оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъиятӣ маҳаллӣ мебошад.

2.2 Вазифаҳои фаъолияти сохторҳои машварати ҷамъиятӣ:

- ёрмандӣ ва ташкили системаи санадҳои меъёрии дохилӣ, қоидаҳо, сиёсат ва тартибот дар соҳаи обтаъминкунӣ ва канализатсия;
- ташаккули механизми муассири намояндагии манфиатҳои муштариён ва ҷамъияти маҳаллӣ дар мақомотҳои идоракунии таъминкунанда;
- ташаккули системаи ошкоркунӣ ва тадбиқи ташаббусҳои ҷамъияти маҳаллӣ оид ба ҳалли муаммоҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия;
- таъмини ҳамкории муассири намояндагони ҷамъияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва обтаъминкунӣ ва канализатсия ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дахл доранд;

- таъмини шароит оид ба ошкор кардани намояндагони фаъоли иҷтимоии тарафҳои манфиатдор, пешсафони потенсиали ё пешсафони ташаккулёфта ва таъмини минбаъдаи устуворгарди ва пешравии онҳо .

## 3. Ҳуқуқ ва ваколатҳо

3.1 Шӯро дар амалисозии фаъолияти худ ҳуқуқ дорад:
- манфиатҳои истеъмолкунандагон ва ҷомеаи маҳаллиро дар мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, ҳангоми қабул намудани қарорҳои таъминкунандагон намояндаги намояд;
- дар фаъолияти қонунэҷодкуни дар сатҳи қабули қарорҳо аз тарафи таъминкунанда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, хусусан дар соҳаи обтаъминкунӣ иштирок намояд;
- назорат кардан аз болои амалигардии санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони оби нӯшоки таалluқ доранд иштирок намояд;
- барои гузаронидани чорабиниҳои муҳими иҷтимои аксияҳо ва ғайра ёрманди намояд;
- масъалаҳои сайёрии худро дар маҳалҳо доир намояд ва бобати беҳтару муассистар ба роҳ мондани фаъолият дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва канализатсия дастурҳо диҳад;
- оид ба иҷрои супоришу вазифаҳои гузошташуда дар самти баланд бардоштани иштироки муштариён, тарафҳои манфиатдор ва ҷомеаи маҳаллӣ дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори КВДК «Хуҷандобуканал» ташкилоти таъминкунандаи оби нӯшокӣ ва канализатсия ва дигар мақомоту ташкилотҳои марбута ҳисоботҳо ва дигар маълумотҳоро талаб намояд;

## 4. Тартиби кор

4.1 Маҷлиси Шӯро на камтар аз як маротиба дар се моҳ дар фасли баҳору тобистон ва дар фасли тирамоҳу зимистон на камтар аз як маротиба дар як моҳ доир мегардад.

4.2 Шӯро котиби масъули худро интихоб менамояд, ки он:

а) кори аъзоёнро дар давраи байни маҷлисҳо таъмин мекунад;

б) масъалаҳоро ба ҷаласа тайёр менамояд ва рафти иҷрои онро назорат мекунад.

4.3 Маҷлисҳо дар ҳолати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзоёни он комилҳуқуқ ҳисобида мешавад.

4.4 Қарорҳои маҷлис бо аксарияти овози аъзоёни ҳузурдошта қабул карда мешавад.

4.5 Санадҳои Шӯро дар шакли қарорҳои протоколи қабул мешаванд.

4.6 Ба санадҳои қабулгардида Раис имзо гузошта, ҷараёни татбиқи онҳоро котиби Шӯро назорат менамояд.

4.7 Тағиру иловаҳо ба Низомномаи Шӯро тариқи овоздиҳии аксарияти аъзоёни Шӯро ворид карда мешавад.

Замимаи №2
ба Фармони директори генералӣ
таҳти №244 аз «30» сентябри 2015с.

## Ҳайати Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ

| | | |
|---|---|---|
| Раиси Шӯро: | Бобоҷонов Ё.И. | Директори генералӣ; |
| Котиби Шӯро: | Бурҳонов Р.С. | Сардори Гурӯҳи иҷроиши лоиҳа; |

**Аъзоён:**

| | |
|---|---|
| Иброгимов Р.: | ҷонишини сардори шӯъбаи истеҳсоли техникӣ; |
| Баротов Ғ.: | мутахассиси пешбари Департаменти фурӯш баҳисобгирӣ ва пардохтҳо; |
| Қосимов Ф.: | ҳуқуқшиноси пешбар; |
| Икромов Ш.: | сардори сехи тармим ва насби обченкунакҳо; |
| Набиев В.: | мутахассиси Хадамоти матбуот; |
| Ғафурова М.: | Сардори шӯъбаи банақшагирӣ-иқтисодӣ; |
| Каримова С.: | Раиси ширкати соҳибмулкони «Ганҷина»; |
| Ахмедов Т.: | Раиси ширкати соҳибмулкони «Умед»; |
| Негматов Т.: | Раиси ширкати соҳибмулкони «Ваҳдат»; |
| Каримов Р.: | Раиси ширкати соҳибмулкони «Орзу 23»; |

| | |
|---|---|
| Москаленко В.: | Раиси ширкати соҳибмулкони «Наш дом»; |
| Отаҷонова С.: | Раиси ширкати соҳибмулкони «Дӯсти»; |
| Саидова М.: | истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 3, бинои 8, |
| Содиқов А.С.: | истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд, бинои 123, ҳуҷраи 13. |
| Қаюмова Ф.А.: | истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Шӯро, хонаи 94/8. |